Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» майи соли 2010
№ 278 тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ
## кор бо ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
## барои солҳои 2010-2015

1. Қоидаҳои умумӣ

1) Гузариш ба муносибатҳои иқтисодии бозаргонӣ, баланд бардоштани нақши насли наврас дар ҷомеа дар давраи ташаккулёбии тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат, таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз зӯроварии калонсолон, гирифтани таълиму тарбия дар фазои оилаи солим вазифадор менамояд, ки Барномаи кор бо ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 таҳия карда шавад (минбаъд Барнома).

Сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкитпоф ва тарбияи насли наврасн солим ва ҳамчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони ятим равона карда шудааст.

Баъди ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 октябри соли 1993 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқи кӯдакро ба тасвиб расонид ва бо мақсади татбиқи Конвенсияи мазкур як қатор чораҳои зарурӣ андешид.

Ҷиҳати иҷрои он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008 №377 «Дар барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» Комиссияи кор бо ноболиғон барҳам дода шуда, вазифаҳои он ба Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак вогузор карда шуд, инчунин «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 № 253 тасдиқ гардидааст, қабул шуд.

2) Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии кӯдакон дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор мебошад.

Барномаи мазкур дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 қабул карда мешавад.

**2. Асосҳои молиявии Барнома**

3) Асоси молиявии Барномаро маблағҳои тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли дахлдор барои вазорату идораҳои дахлдор тасдиқшуда, ҳамчунин аз ҳисоби ҷалби грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

4) Вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ӯҳдадоранд, ки маблағҳои пулии пешбинишударо ба таври мақсаднок дар доираи чорабиниҳои Барнома истифода баранд.

**3. Мақомоти назораткунандаи татбиқи Барнома**

5) Ба раванди татбиқи Барнома Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо назорат мебаранд.

6) Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрокунандаи бевоситаи Барномаи мазкур мебошанд. Вазорату кумитаҳои дахлдор ҳар нимсола ба Вазорати корҳои дохилӣ барои тайёр кардани ҳисоботи хаттӣ ва пешниҳоди он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома пешниҳод менамоянд.

7) Вазорату идораҳои барои татбиқи Барнома масъул бо ташкилотҳои байналмилалии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ҳамкорӣ менамоянд.

**4. Вазифаҳои асосии Барнома**

8) Мақсадҳои асосии Барнома татбиқи сиёсати давлатӣ,. оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ноболиғон, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром нисбат ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон, паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ байни ноболиғон, таъмини ташкили оилаи солим ва дар муҳити он ба тарбия гирифтани наврасон, паст намудани сатҳи аз таълими ҳатмии миёна дур мондани ноболиғон ва ташкили фароғати кӯдакон иборат мебошад, ки он дар вазифаҳои зерин ифода меёбад:

- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ноболиғон, хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;
- истифодаи самараноки воситаҳои ахбори умум ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии ноболиғон;
-таҳия ва татбиқи усулҳои нави таълим ва тарбия, гузаронидани корҳои профилактикӣ байни ноболиғон;
- дастгирӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти эҷодкории наврасон;

- пешгирӣ ва паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо байни кӯдакону наврасон, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои тарбияи дурусти насли наврас;

- ташаккули системаи дастгирии иҷтимоию психологии ноболиғони аз ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар ҳодисаҳои номатлуб ҷабрдида;

- фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ба даст овардани маълумоти дақиқ ва мушаххас дар бораи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои ноболиғон;

-тарбияи инсони комил, ватандӯст, дорои ахлоқи хуб, аз ҷиҳати маънавӣ бой ва арзишҳои баланди инсонӣ байни ноболиғон.

9) Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи кор бо ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 таҳия шудааст (замима мегардад).

## 5. Натиҷаҳои татбиқи Барнома

- паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдак;

-инкишоф додани ҳисси масъулиятшиносӣ ва меҳнатдӯстии ноболиғон;

-баланд бардоштани савияи дониш ва интизомнокии хонандагон, ташаккули ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбати калонсолон;

-ташкил ва таъмин намудани фароғати ноболиғон;

-ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид шудани насли наврас ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа;

-барпо намудани оилаҳои солим ва дар муҳити он тарбия ёфтани кӯдак;

-то ба ҳадди ниҳоӣ кам намудани шумораи ноболиғоне, ки аз таҳсилоти ҳамагонӣ дур мондаанд;

- кам намудани шумораи ноболиғоне, ки ба талбандагӣ машғуланд;

- аз овони ноболигӣ соҳиб гаштан ба касбу кори муайян.

**Замима ба Барномаи кор**
**бо ноболиғон дар Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015**

**НАҚШАИ**
**чорабиниҳои Барномаи кор бо ноболиғон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015**

| № т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| 1 | Дар маҷмӯаи алоҳида, бо таври содда, фаҳмо ва бо шарҳаш барои насли наврас ба нашр расонидани номгӯи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии ноболиғон вобаста ба ҳамаи самтҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ | 2010-2011 | Вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, фарҳанг, бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 2 | Ташкил ва гузаронидани семинар-машваратҳо дар самти омӯзиши моҳият ва тарзи татбиқи Нақшаи амали миллӣ оид ба ислоҳот дар самти адолат нисбати ноболиғон барои солҳои 2010-2015 дар вазоратҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатии дахлдор | 2010-2011 | Комиссияи оид ба ҳуқуқи кӯдак, вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, маориф |
| 3 | Мунтазам дар воситаҳои ахбори умум дарҷ намудани натиҷаҳои татбиқи Нақшаи амали миллӣ оид ба ислоҳот дар самти адолат нисбати ноболиғон бо нишон додани нақши вазорату идораҳои дахлдор дар татбиқи нақшаи мазкур | 2010-2015 | Комиссияи оид ба ҳуқуқи кӯдак, вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, маориф, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4 | Бо мақсади дастгирииояндаи ноболиғоне, ки ба қонуншиканӣ роҳ доданд ва зери Барномаи адолат нисбати ноболиғон тарбия гирифтаанд, баррасӣ намудани имконияти додани имтиёз ва дастгирӣ барои дохил шудан ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ | 2010-2011 | Комиссияи оид ба ҳуқуқи кӯдак, вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, маориф |
| 5 | Ташкил ва ба таври васеъ ба роҳ мондани фаъолияти донишкадаҳои ҷамъиятӣ, аз қабили «Дастаҳои ихтиёрии кӯдакон», «Ёрдамчиёни ҷавони милитсия» ва равона намудани фаъолияти онҳо ба тарбия ва назорат аз болои ноболиғони душвортарбия | 2010 | Вазоратҳои маориф ва корҳои дохилӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6 | Дар ҷойҳои истиқоматӣ таъсис додани ҷойҳои корӣ барои мутахассисони соҳаҳои иҷтимоӣ, равоншиносон ва кор бо оилаҳое, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд | 2010-2012 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7 | Таълими касбии ноболиғони синни 15-18 сола, ки ба содир намудани ҳуқуқвайрон-кунӣ майл доранд, намехонанд ва кор намекунанд | 2010-2011 | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, фарҳанг |
| 8 | Барқарор ва ташкил намудани кружокҳои ҳунарҳои дастӣ ва ҷойҳои кории махсусгардонидашуда бо мақсади мутобиқшавии иҷтимоии ноболиғони синни 9-18 сола, ки амалҳои ғайриқонунӣ содир намудаанд | 2010-2013 | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дохилӣ, маориф, фарҳанг, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо |
| 9 | Ташкил намудани нуктаҳои ёрии фаврӣ ба ноболиғоне, ки дар ҳолати хавфноки иҷтимоӣ қарор доранд | 2010-2012 | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дохилӣ, тандурустӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо |
| 10 | Ташкил намудани Қабулгоҳҳои муваққатии иҷтимоӣ барои ноболиғоне, ки дар ҳолати мураккаби оилавӣ қарор доранд, аз ҷойҳои маҳрум аз озодӣ баромадаанд ва ё зери тафтишоти пешакӣ қарор доранд | 2012-2015 | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дохилӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо |
| 11 | Дар мактабҳои таълимоти умумӣ ҷоннок намудани кружокҳо ва сексияҳои ҳунарҳои дастӣ дар соатҳои берун аз дарсӣ ва ба онҳо ҷалб намудани ноболиғони душвортарбия | 2010-2015 | Вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ |
| 12 | Дар назди омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ эҳё намудани мактабҳои ғоибонаву шабонаи коргарҷавонон ва ба онҳо ҷалб намудани наврасоне,ки маълумот надоранд | 2010-2012 | Вазоратҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13 | Ҷоннок намудани кори марказҳои корҳои тарбиявии беруназмактабӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва таъмини онҳо бо маводи таълимӣ | 2010-2012 | Вазоратҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 14 | Дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил намудани фаъолияти китобхонаҳо ва клубу хонаҳои фарҳангӣ ва ба онҳо ҷалб намудани ноболиғон | 2010-2015 | Вазоратҳои фарҳанг, маориф, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо |
| 15 | Ташкил ва гузаронидани барномаҳои тарбиявӣ бо иштироки олимону шоирон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва шахсиятҳои машҳури ҷумҳурӣ ва тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ | 2010-2015 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф, фарҳанг, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | нависандагон |
| 16 | Ташкил ва гузаронидани соатҳои Қонун» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 2010-2015 | Вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ, адлия |
| 17 | Дар доираи сохторҳои мавҷудбудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон додани Маркази ахборотии маслиҳатдиҳии ягона барои ташкили бақайдгирии ноболиғоне, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додаанд | 2010-2015 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 18 | Ташкил ва гузаронидани семинар-машваратҳо, машғулиятҳо оид ба мубодилаи таҷрибаи пешқадам дар самти пешбурди корҳо бо ноболиғон | 2010-2015 | Комиссияи оид ба ҳуқуқи кӯдак, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 19 | Бо мақсади пешгирӣ намудани қонуншикании кӯдакон, ки ба гурӯҳи осебпазир дохил гардидаанд, ҷоннок намудани ҳамкорӣ бо оила ва мактабҳои ҳамагонӣ дар маҳали зист | 2010-2015 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо |
| 20 | Бо мақсади фаро гирифтани ноболиғон ба таҳсил, инчунин ба танзим даровардани фаъолияти марказҳои интернетӣ барои онҳо муқаррар намудани вақти муайян | 2010-2015 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио |
| 21 | Эҳё намудани мусобиқаҳои варзишӣ байни ноболиғон дар мавсими таътили тобистона | 2010-2015 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маорифи ҶТ |
| 22 | Ба истироҳати тобистона фаро гирифтани кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва кӯдакони душвортарбия | 2010-2015 | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 23 | Дар осоишгоҳҳои тобистона ба роҳ мондани машғулиятҳои гуногуни тарбиявӣ ва вохӯриву сӯҳбатҳо дар масъалаҳои ватандустӣ, эҳтиром ба қонун, ахлоқи ҳамида ва оқибатҳои содир намудани рафтори зиддиҷамъиятӣ | 2010-2015 | Вазоратҳои маориф, фаҳанг, корҳои дохилӣ, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио |
| 24 | Равон намудани кӯдакони душвортарбия барои таҳсил ба мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ | 2010-2015 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳои корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 25 | Бо мақсади ҷалби кӯдакону наврасон ба меҳнатдӯстӣ ҷоннок намудани фаъолияти лагерҳои назди мактабӣ ва марказҳои тарбиявии беруназмактабӣ | 2010-2015 | Вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо |
| 27 | Таҳияи китобу дастурҳои таълимиву тарбиявӣ, буклетҳои тарғиботии зидди нашъамандӣ, майпарастӣ ва дигар одатҳои номатлуб | 2010-2015 | Вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 28 | Тарғиби ҳаёти солим ва маҳкум намудани амалҳои худсӯзиву худкушӣ миёни ноболиғон ва ташкили кӯмакҳои равонӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, шӯъбаҳои ҷавонон, занон ва оилаи шаҳру ноҳияҳо | 2010-2015 | Вазоратҳои маориф, корҳои дохилӣ, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, занон ва оила, телевизион ва радио |
| 29 | Муайян намудани оилаҳои дорои шароити номусоиди ҳаётӣ ва таъсири манфии онҳо ба кӯдак, бақайдгирии чунин оилаҳо ва гузаронидани корҳои пешгирӣ | 2010-2015 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 30 | Ташкил ва гузаронидани рӯзҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ бо иштироки падару модарон, муаллимон ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ | 2010-2015 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, адлия, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ |